**Суратмаҷлиси №57**

**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди**

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «12» сентябри соли 2026 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 12- уми сентябри соли 2026, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** муовини раиси шуро, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Нугмонов М.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Раҳматуллоҳзода Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд: (Саттров А.Э., Нугмонов М., Раҷабов Т.Б., Сафаров Ҷ., Шамсудинов Ф.).

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод

аст? Тарафдорон- 15 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи ошкорои рисолаи номзадии Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. Назария ва технологияи таълими математика).

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Абдукаримов Маҳмадсалим Файзуллоевич** - доктори илмҳои физикю математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**2. Махкамов Мамадҷон** – номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Нугмонов М. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Раҳматуллоҳзода Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

3. **Унвонҷӯ:** Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Комиль А.Ш., Сафаров Ҷ. ва Шамсуддинов Ф.М. ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ **Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. бо имзои раиси ҷаласа д.и.п., дотсент, декани факултети физика, математика ва информатика Самаридинова З.Н., ташхисгар, н.и.п., дотсент, мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он Ниёзов Ҷ.М. ва котиби ҷаласа, н.и.ф-м. Шарипова С.Р. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.п., профессор Сафарзода М.В. аз 14-уми августи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси

5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. Назария ва технологияи таълими математика) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Абдукаримов Маҳмадсалим Файзуллоевич** - доктори илмҳои физикю математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2. **Махкамов Мамадҷон** – номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Мирзораҳимзода М.Ҳ. ворид шудаанд:

1. Азимова Н.С. – д:и.п., и.в. профессор, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД «Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон». Тақриз мусбат аст.

2. Мирзозода Р.Р. – д.и.п., мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Саидзода И.М. – д.и.ф-м., дотсент, декани факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

- Хоҷаев А.М. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Мирзораҳимзода М.Ҳ. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо

ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Мирзораҳимзода М.Ҳ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. Назария ва технологияи таълими информатика) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: профессор Шерматов Д.С., профессор Ҷуразода Х.Ш. ва дотсент Мавлоназаров С.С. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 15 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравандл.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон – 15 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.3. Назария ва технологияи таълими информатика) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии

донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1 – Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Абдукаримов Маҳмадсалим Файзуллоевич** - доктори илмҳои физикю математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Махкамов Мамадҷон** – номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1 – Назария ва технологияи таълими математика) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1 – Назария ва технологияи таълими математика)- ро дастгирӣ намуда, барои ба Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 15 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Муовини раиси**
**шурои диссертатсионӣ** **Нугмонов М.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**
“_12_”___09___ 2026

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав
ҶМ Исҳоқзода М.М.